**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи
Технологии Тоҷикистон,
Доктори илмҳои техникӣ, профессор
________ И.Т. Амонзода
аз «25» ___08___ 2021с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби бухгалтерӣ, аудит ва омор пешниҳод гардидааст**

**Рӯзмаррагии мавзӯи тадқиқот.** Монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ яке аз категорияҳои муҳими илми иқтисодӣ ба шумор рафта, омӯзишу тадқиқи он дар ҳама давру замон, алалхусус дар марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ, актуалӣ арзёбӣ мешаванд. Аз дигар тараф, таъмини иқтисодиёт бо пул ва самаранок истифодабарии он бо назардошти таваррум проблемаи муосир ва таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафаро тақозо менамоянд.

Бе истифодаи усулҳои гуногуни таҳлили оморӣ коркарди стратегияи дурусти рушди низоми бо пул таъмин кардани иқтисодиёт ғайриимкон аст. Тавассути омор равандҳои рушди масъалаи мазкур таҳлил карда шуда, алоқамандии мутақобилаи омилҳои гуногун, ки ба механизми амалисозии таъминоти пулӣ таъсир мерасонанд, муайян ва натиҷаҳои онҳо баҳодиҳӣ мешаванд. Бо истифода аз усулҳои омории тадқиқот, нишондиҳандаҳои гуногунро таҳлил намуда, дар асоси он ҷанбаҳои заифи монетизатсияи иқтисодиёти миллиро муаян ва амалисозӣ кардан мумкин аст.

Омори молия ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат буда, вазифаҳои асосии он дастраскунии иттилооти зарурию дақиқ барои тавсифи самаранокии амалиётҳои молиявӣ, коркарди маводҳои таҳлилӣ барои идоракунии низоми пулию қарзӣ ба ҳисоб мераванд.

Умуман, дар шароити муосир афзудани талаботи субъектҳои иқтисодӣ ба воситаҳои пулӣ, бо назардошти аҳамияти таъминокии пул барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, проблемаи дастрасии пул бо миқдори муаян самаранок истифодабарии он аз тарафи субъектҳои иқтисодӣ характери хеле мубраму актуалӣ пайдо кардааст. Аз лиҳози дигар сатҳи монетизатсия иникоскунандаи қобилияти низоми молиявӣ тағийрдиҳии сармоя барои иштирок дар раванди истеҳсолот мебошад. Устувории сатҳи монетизатсия ба фароҳамоварии шароит ва устувории рушди иқтисодиёт, инчунин баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Зарурияти муҳаё сохтани шароити баландбардории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт - ин рушди

институтҳои молиявӣ, ташкили муҳити мусоид барои сармоягузорӣ маҳсуб ёфта, маҷмӯан, тариқи дарозмухлат имконпазир мебошад.

Бинобар ин, мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда, ки тадқиқу ошкор намудани таъсиррасонии яккатор омилҳо, ки рушди иқтисодиёти кишварро дарбар мегирад, хеле муҳиму рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асосноккунӣ ва мӯътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида.** Шиносоӣ бо мазмуну мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф миқдори зиёди асарҳои илмии олимон-иқтисодчиёни пешбари хориҷи дуру наздикро омӯхтааст, ки аз муносибати ҷиддии диссертант ба муаммои тадқиқшаванда дарак медиҳад.

Дараҷаи асосноккунӣ ва мӯътамад будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида бо истифодаи ҳаҷми калони маводҳои соҳаи молиявию бонкдории мамлакат, нишондиҳандаҳои омории Агентии омори назди Президенти ҶТ, истифодаи усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ, ҳамчунин рӯ овардан ба асарҳои илмии олимони соҳа оид ба проблемаи тадқиқшаванда тасдиқи худро ёфтаанд.

Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 11 мақола ба чоп расонидааст, ки 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Автореферат ва корҳои нашршуда мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло аз дараҷаи кофии асоснок будани хулоса ва тавсияҳои муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Ҳамзамон дар рафти тадқиқот самтҳои гуногуни илмии таҳлили иқтисодӣ-омории фаъолияти молиявию бонкӣ ҳамчун як соҳаи калидӣ дар устувору мукаммалгардонии иқтисодиёти миллӣ таҳлил, хулосабарорӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Сатҳи навгонии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, пеш аз ҳама, дар он дида мешавад, ки ӯ кӯшиш намудааст хусусиятҳои таъмини иқтисодиёти миллӣ бо пул ҳамчун омили махсуси таъмини рушди устувори иқтисодиёт дар ҳамбастагӣ бо муаммоҳои умумииқтисодӣ муайян созад.

Чунин нуқтаҳои навгонии илмии рисоларо арзишманд ҳисобидан мумкин аст:

- дар асоси таҳлилҳои назариявӣ шарҳи муаллифии илман асосноккардашудаи мафҳуми "монетизатсия ва монетаризатсия" (вобаста бо унсурҳои пулӣ сарҳадҳои истифодаи худро дорад) муайян гардида, муқаррар карда шуд, ки сатҳи таъсиррасонии тағйирёбии нишондиҳандаҳои монетизатсия вобаста ба тағйирёбии ҳолати рушди иқдисодиёт мусоидат менамояд;
- системаи нишондиҳандаҳои бо пул таъмин кардани иқтисодиёт, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст, ҳамчун тавсифи миқдории омилҳои таъсиррасон вобаста ба давраҳои вақтии монетизатсиякунонии иқтисодиёт асоснок карда шуда таҳия гардидааст;
- ошкор карда шуд, ки барои арзёбӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи сатҳи монетизатсияи

иқтисодиёти миллӣ, ки аз тарафи олимони соҳа ҷузъӣ ба назар мерасад, нокифоя аст. Бо ҳамин сабаб, аз нуқтаи назари муаллиф, барои арзёбӣ ва таҳлили системаи нишондиҳандаҳои сатҳи монетизатсия истифодаи модели омилии мултипликативӣ дар шакли ҳисоботи семоҳа мувофиқ ба мақсад мебошад;

- вобаста ба ҳолати кунунии сатҳи бо пул таъмин кардани иқтисодиёти кишвар модели омилии сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ таҳия гардидааст, ки ҳиссаҳои қиёсии таъсиррасони се омили асосӣ: коэффитсиенти сатҳи самаранок истифодабарии ҳаҷми пул барои қарздиҳӣ, сатҳи мувозинати пойгоҳи захираҳои (ресурсҳои) бонкӣ ва коэффитсиенти сатҳи боваринокии мардум ба бонкҳо дар асоси ҷалби пасандозҳо (амонатҳо) ба сатҳ ва динамикаи таъминнокии иқтисодиёт бо пул арзёбӣ ва мавриди таҳлил қарор дода шудааст;
- тавассути истифодаи таҳлили корреляциатсионӣ ва регрессионӣ ошкор ва муқаррар карда шуд, ки дар ҳолати зиёдгардонии ҳаҷми қарзҳо қисман қонеъгардии талаботи бахши хусусӣ ва дар мавриди зиёд кардани нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул, баръакси ҳолати мазкур ба болоравии сатҳи таваррум оварда мерасонад;
- дар асоси омӯзиш муаллиф хулоса баровардааст, ки барои таҳлили ҳамаҷонибаи динамикаи тағйирёбии сохтории унсурҳои нишондиҳандаи пулӣ истифодаи усули ҳисоби коэффисиенти интегралии тафовути сохтории К. Гатев ва индекси А. Салаӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар он дида мешавад, ки тавсияву пешниҳодҳои дар натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд аз тарафи БМТ ва сохторҳои минтақавии он, ташкилоту муассисаҳои қарзии мамлакат ва корхонаҳои алоҳида ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода шаванд. Истифодаи ин тавсияву пешниҳодҳо метавонанд ба устуворгардии вазъи молиявию иқтисодии корхонаю муассисаҳо мусоидат намоянд.

Ҳамчунин, баъзе қисмҳои алоҳидаи диссертатсияро дар мактабҳои олию махсус ҳангоми тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои молияву бонкдорӣ, омор, молия ва қарз истифода бурдан мумкин аст.

Рисолаи диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст.

Дар сарсухан муҳимияти мавзӯи тадқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала дарҷ гардида, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмети тадқиқот мушаххас карда шудаанд. Инчунин навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаҳои назарраси тадқиқот, ки ҷанбаи навоварии илмӣ доранд ва шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст омадаанд, нишон дода шудаанд. Муаллиф аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иқтисодии натиҷаҳои ба дастомада, заминаҳои назариявӣ, методологӣ ва иттилоотии тадқиқотро муфассал зикр карда, тамомияти дарҷшавии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсиониро дар нашрияҳо нишон додааст.

Дар боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявии таҳқиқоти омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ”,** ба масъалаҳои моҳияти иқтисодии монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ, таъсири монетизатсия дар устувории рушди иқтисоди миллӣ, омилҳои асосии ташакулдиҳандаи динамикаи раванди монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Диссертант дар натиҷаи омӯзишу муқоисаи ақидаҳои олимони гуногун ба хулосае омадааст, ки ҳарчанд сатҳи устувории монетизатсия дар рушди иқтисодиёт нақши муҳимеро мебозад, лекин то ҳол дар баррасии ин масъала ақидаи ягона вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, дар дисертатсия пайдоиши монетизатсияро ба чор марҳила ҷудо намуда, ҳар як марҳиларо бо хусусиятҳои хос мавриди таҳқиқ қарор додааст. (саҳ.39-44).

Дар натиҷаи тадқиқи нақши монетизатсия дар рушди иқтисодиёт дуруст қайд карда шудааст, ки аз як тараф, агарчи, монетизатсия нақши худро тавассути функсияҳои агрегатҳои пулӣ иҷро намояд, аз дигар тараф, нақши монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт тавассути таносуби андозаи ҳаҷми пули (васеъ массаи) ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) зоҳир мешавад, ки вобаста ба ин дар диссертатсия динамикаи сатҳи монетизатсия дар мамлакатҳои мутараққӣ ва кишварҳои рӯ ба инкишоф дар солҳои 2003-2018 мавриди муҳокима қарор дода шудааст (саҳ.25-26).

Ҳақ ба ҷониби диссертант аст, ки дар натиҷаи таҳлили омӯзиши таҷрибаи бонкҳои маркази ҷаҳон зикр кардааст, ки яке аз омилҳои муҳиме, ки ба рушди иқтисодиёт таъсири мухталиф мерасонад, ин монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Аз рӯи ақидаи муаллиф, сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ҳамчун нишондиҳандаи нисбии оморӣ, яъне ҳиссаи ҳаҷми пул дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад, М/ММД.

Дар диссертатсия қайд гаштааст, ки бевосита мафҳуми монетизатсияи иқтисодиро аз коэффитсиенти монетизатсия бояд ҷудо намуд, ки яке нишондиҳандаи микдорӣ ва дигар сифатии оморӣ мебошад. Бо ибораи дигар, нишондиҳандаи аввала бузургии омории объективӣ мебошад, ки микдори пулро дар низоми иқтисодиёт инъикос менамояд. Дуюмин бошад, бузургии омории субъективист, ки дар асоси маълумоти дастрасшуда ҳисоб карда мешавад ва аз ин лиҳоз, усули баҳодиҳии коэффитсиенти монетизатсия аз камбудиҳо холӣ нест (саҳ.17-18).

Аз нуқтаи назари муаллиф, таҳияи низоми нишондиҳандаҳои таъминнокии иқтисодиёт бо пул бояд ба заминаҳои қатъии назариявӣ ва методологӣ асоснок кунонида шуда, ба як қатор талаботҳои муайян ҷавобгӯ бошанд. Ҳамчунин низоми нишондиҳандаҳои омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ ба таври схемавӣ дар шакли мухталиф пешниҳод карда шудааст.

Боби дуюм “Усулҳои омории таҳқиқоти монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ”, доир ба низоми нишондиҳандаҳои омории монетизатсияи иқтисодиёт, усулҳои андозагирии

коэффисенти монетизатсияи иқтисодиёт, манбаҳои маълумот барои тахияи низоми нишондиҳандаҳо дарҷ гардидааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ дар асоси нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманди аз якдигар вобаста ва бо ҳам мувофиқ, ки тавсифдиҳандаи самтҳои асосии ҷараёни иқтисодиёт мебошанд, фаҳмида мешавад.

Дар дисертатсия мушкилоти ҳисоби коэффитсиенти сатҳи монетизатсия ва моҳияти назариявию амалии онро муҳокима қарор дода, дар маҷмӯъ пешниҳод менамояд, ки андозагирии сатҳи монетизатсияро на танҳо солона, балки ҳар як семоҳа баҳо додан қобили қабул аст. Ҳамзамон, баробари ин дар минтақаҳо низ зарур мешуморад, ки барои рушди деҳот мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, маҳз сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллиро нишондиҳандаи сифатии оморӣ номида, инъикосгари рушди иқтисоди миллӣ мешуморад.

Боби сеюми диссертатсия “Моделсозии иқтисоди-омории монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ” ба омилҳои ташаккулдиҳандаи модели омилии монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ, истифода ва баҳои омории модели аддетивӣ ва мултипикаттивии монетизатсияи иқтисодиёт, инчунин таҳлили омории таъсиррасонии омилҳо дар сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ кайд карда шудаанд.

Омӯзиши маводҳои гуногун ва таҳлили таҷрибаи бонкҳои марказии ҷаҳон доир ба арзёбии сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ муаллифи диссертатсияро водор намудааст, ки самтҳои асосии инкишофи таҳқиқоти омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намояд.

Таҳлили ҳаҷми калони маводҳо ба Холов Р.Ш. имконият додаанд, ки якчанд хулосаю тавсияҳои мушаххас пешниҳод намояд, ки амалисозии онҳо ба рушди ояндаи низоми молиявӣ-бонкӣ, такмили низоми самаранок истифодабарии воситаҳои пулӣ ва таҳлили он мусоидат хоҳанд кард. Хулосаю пешниҳодҳои асоснокнамудаи муаллиф бояд аз тарафи БМТ ва ташкилотҳои молиявию бонкии кишвар, муассисаҳои илмию мактабҳои олӣ ва соҳибкорон мавриди омӯзишу истифодабарӣ қарор гиранд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии аз тарафи муаллиф нашргардида мӯҳтавои асосии кори диссертатсиониро дарҷ карда, аз аҳамияти баланди назариявию амалӣ бархурдоранд ва дар таъмини иқтисодиёти миллӣ бо воситаҳои қарзии дастрас саҳми мушаххасе хоҳанд гузошт.

Хулосаи гуфтаҳои боло далели онанд, ки диссертатсияи Холов Р.Ш., дар сатҳи баланди касбии илмӣ иншо гардида, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, ба фикри мо, дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, рисолаи диссертатсионии такризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дар заминаи назариявии кори тадқиқотӣ ба фикру ақидаҳои олимони ватанӣ хеле кам арҷгузорӣ карда шудааст, ҳол он ки дар огози рисола қайд мегардад, ки доир ба мавзӯи тадқиқот доираи муайяни олимони ватанӣ кор кардаанд.

2. Механизми татбиқи амалии модели иқтисодӣ-омории таҳлили омилии таъмини иқтисодиёт бо пул баррасӣ нашудааст.

3. Масъалаҳои таъсири хоҳишёбии сатҳи боварии мизоҷон баташкилотҳои молиявӣ-бонкӣ ва ба дараҷаи таъмини иқтисодиёт бо пул ба таври зарурӣ баррасӣ нашудаанд.

4. Дар рафти тадқиқот санадҳои гуногуни омории низоми бонкии ҶТ истифода шудаанд, вале дар руйхати адабиётҳои истифодашуда оварда нашудаанд.

5. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои техникӣ,имлоӣ, услубӣ ва мантиқӣ роҳ дода шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва дараҷаи илмии онро паст намекунад.

Дар умум, рисолаи диссертатсионии тақризшаванда тадқиқоти анҷом-ёфтаи проблемаи муҳимро дар худ таҷассум намуда, дорои навовариҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ мебошад. Он мувофиқи талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ тайёр карда шудааст ва мувофиқан муаллифи он Холов Рустам Шермахмадович лоиқи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 00.08.12 - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраи иқтисодиёт ва идора Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (протоколи №2 аз 24 сентябри с.2021) муҳокима ва тасдиқ шудааст.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Шарипов Ш.Р.**

**Котиби ҷаласа** **Қурбонов С.Ф.**

**Лоиҳаи тақризро тайёр намуд:**
**муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Хайруллоев Ф.Н.**

Суроғаи донишгоҳ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кучаи Н.Қаробоев 63/3.
**Сомонаи донишгоҳ: WWW.tut.tj.**
Телефон: (+992 37) 234-79-88; 234-79-90 E-mail: *sharipov.sharif@gmail.com*

Имзои «Шарипов Ш.Р., Хайруллоев Ф.Н. ва Қурбонов С.Ф.»-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ОТДЕЛ КАДРОВ